ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Мирзозода Сулаймон Мадислом дар мавзуи «Захираи растаниҳои шаҳддори минтақаи Кӯлоб, ҳифз ва истифодаи оқилонаи онҳо», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D 06 07 18 – Ботаника пешниҳод гардидааст.

Дар шароити имрӯза, ки масъалаҳои ҳифзи гуногунии биологӣ, истифодаи захираҳои табиӣ ва таъмин намудани муҳити экологӣ аз самтҳои афзалиятноки илмӣ ва экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб мераванд, омӯзиши захираҳои растаниҳои шаҳддор аҳамияти илмӣ ва амалӣ доранд. Растаниҳои шаҳддор на танҳо манбаи асосии ғизои занбӯри асал ба ҳисоб меравaнд, балки яке аз унсурҳои муҳими экосистемаҳо, нигоҳдории гуногунии биологӣ ва мусоидаткунандаи гардолудшавии рустаниҳои кишоварзӣ ва худрӯй мебошанд. Таҳқиқоти солҳои охир нишон медиҳанд, ки натиҷаи рушди иқтисодӣ ва истифодаи бенизоми олами наботот ба кам шудани гуногунрангии намудҳои захираи растаниҳои шаҳддиҳанда ба камҳосилии заминаи истеҳсоли асал таъсири калон расонида истодааст. Аз ин рӯ, таҳқиқоти ба омӯзиши таркиби флористӣ, паҳншавӣ, захира, ҳолати экологии ин гурӯҳи растаниҳо бахшидашуда дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ мебошанд.

Автореферати диссертатсияи Мирзозода Сулаймон Мадислом ба омӯзиши захираҳои растаниҳои шаҳддори минтақаи Кӯлоб бахшида шуда, яке аз масъалаҳои муҳими илми ботаника, геоботаника, экология ва истифодаи оқилонаи захираҳои биологиро дар бар мегирад. Мавзуи интихобнамудаи муаллиф аз ҷиҳати илмӣ пурра асоснок буда, бо дарназардошти рушди соҳаи занбӯрпарварӣ ва истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ саривақтӣ мебошад.

Аз муҳтавои автореферат дида мешавад, ки муаллиф мақсад ва вазифаҳои таҳқиқотро дуруст муайян намуда, барои ноил шудан ба онҳо усулҳои муосири ботаникӣ, геоботаникӣ, флористӣ ва экологиро истифода бурдааст.

Навгонии илмии таҳқиқот пеш аз ҳама дар он зоҳир мегардад, ки бори аввал барои минтақаи Кӯлоб таркиби намудӣ ва ҳолати экологии растаниҳои

шаҳддор мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Аввалин маротиба аз ҷониби муаллиф методи самаранок истифода бурдани захираҳои растаниҳои шаҳддиҳанда дар минтақаи Кӯлоб таҳия карда шуда, тавсияҳои амалӣ пешниҳод гардиданд.

Яке аз масъалаҳои муҳими таҳқиқот омӯзиши ҳолати имрӯзаи захираҳои растаниҳои шаҳддор мебошад. Дар солҳои охир бинобар тағйирёбии иқлим, зиёд шудани чарогоҳҳо, бисёр шудани заминҳои кишоварзӣ, нест кардани буттазорҳо ва дигар омилҳои антропогенӣ майдони бисёр намудҳои растаниҳои шаҳддор кам шудааст. Аз ин рӯ таҳқиқоти илмӣ аҳамияти экологӣ дошта, метавонад ҳамчун барои таҳияи чорабиниҳои илмӣ оид ба ҳифзи захираҳои табиӣ хизмат кунад.

Аҳамияти назариявии диссертатсия дар ғанӣ гардонидани маълумоти флористӣ ва геоботаникии минтақаи Кӯлоб ифода меёбад. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд барои таҳияи дастурҳои флористӣ, омӯзиши минбаъдаи захираҳои растаниҳои дорои аҳамияти иқтисодидошта, таҳияи харитаҳои геоботаникӣ истифода шаванд.

Аҳамияти амалии таҳқиқот низ назаррас мебошад. Тавсияҳои пешниҳоднамудаи муаллиф метавонанд дар хоҷагиҳои занбӯрпарварӣ, муассисаҳои ҳифзи муҳити зист, хоҷагии ҷангал ва муассисаҳои илмӣ татбиқ карда шаванд. Ҳамзамон, натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ҳамчун маводи таълимӣ ҳангоми тадриси фанҳои ботаника, геоботаника, экология, ва биогеография дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ истифода шаванд.

Аз автореферат маълум мегардад, ки натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расида, инчунин дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ мавриди муҳокима қарор гирифтаанд.

Дар маҷмуъ, автореферати диссертатсияи Мирзозода Сулаймон Мадислом дар мавзуи «Захираи растаниҳои шаҳддори минтақаи Кӯлоб, ҳифз ва истифодаи оқилонаи онҳо» таҳқиқоти мустақили илмии анҷомёфта буда, аз

рӯйи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои доктори фалсафа (PhD) пурра ҷавобгӯ мебошад. Аз руи автореферат маълум мегардад, ки муаллиф сатҳи хуби омодагии илмӣ, маҳорати гузаронидани таҳқиқоти саҳроӣ ва қобилияти таҳлили натиҷаҳои илмиро нишон додааст.

Дар маҷмуъ, бо дарназардошти аҳамияти илмӣ, навгонӣ, арзиши назариявӣ ва амалии таҳқиқот, инчунин мутобиқати он ба талаботи муқаррааргардида, чунин ҳисобида мешавад, ки Мирзозода Сулаймон Мадислом сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060718 – Ботаника мебошад.

Номзади илмҳои биологӣ,
дотсенти кафедраи биология ва
методикаи таълими он, МДТ
«ДДХ ба номи академика Б. Ғафуров» Ашӯрзода С.Х.

735700, ш. Худжанд , гузаргоҳи Мавлонбекова 1
E-mail: ashurov.s-1@mail.ru

Имзои Ашӯрзода С-ро тасдиқ менамоям:
Сардори РК ва КМ- и МДТ
«ДДХ ба номи академика Б. Ғафуров» Сайдуллозода З.С.

Вазорати маорифи ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»
РАИСАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Сана: «24» 07 2026 г.